**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-058**
**назди ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ**
**734003 ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 121**

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Ҳақназаров Умарали Нуралиевич дар мавзуи «Хусусиятҳои иқтисодӣ – географии муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060901 – Географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ пешниҳод шудааст.**

**Муҳиммияти мавзуи таҳқиқот.** Пош хурдани Иттиҳоди Шӯравӣ яке аз сабабҳои асосии тағйир ёфтани вазъи сиёсӣ ва иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гардид, ки он ба сатҳи зиндагӣ, даромад, хароҷоти аҳолӣ, таносуби бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ таъсири назаррас расонид. Шароити рақобати шадиди иқтисоди бозоргонӣ ва афзоиши босуръати аҳолӣ, вазъи бекорӣ, нарасидани ҷойҳои корӣ, дараҷаи пасти музди меҳнат ва дигар омилҳо боиси коҳиш ёфтани сатҳи иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои ҷумҳурӣ ва муҳоҷирати меҳнатии берунмарзии аҳолӣ гардид. Аз тарафи дигар таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки яке аз роҳҳои самарабахши беҳтар намудани дараҷаи таъминоти моддии аҳолӣ муҳоҷирати меҳнатӣ ба ҳисоб меравад.

Муҳоҷирати меҳнатӣ дар худ самтҳои ба кор шомил шудани аҳолиро таҷассум намуда, самти ҳаракати аҳолии қобили меҳнатро дар байни ҳудудҳои географӣ (ноҳия, вилоят, мамлакат, қитъа ва ғ.) бо мақсади амалӣ намудани фаъолияти меҳнатӣ муаян менамояд. Аз тарафи дигар оқибатҳои муҳоҷирати меҳнатӣ хоҳ мусбӣ ё манфӣ ҳамеша хусусиятҳои хоси худро доро мебошанд. Дар робита ба ин масъала зарурияти омӯзиши хусусиятҳои иқтисодӣ-географии муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъсири онҳо ба бозори меҳнат муҳим аст. Агар дар шароити кунунӣ муҳоҷирати меҳнатӣ амалӣ нагардад, он метавонад Тоҷикистонро ба мушкилиҳои зиёд рубару гардонад. Яъне ҳангоми маҳдуд кардани шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ он метавонад боиси зиёд гардидани шумораи бекорон, кам шудани даромади аҳолӣ ва таназзул ёфтани иқтисодиёти мамлакат шавад, аз ҷониби дигар, вазъи иқтисодии мамлакат имконияти пурраи истифодаи захираҳои меҳнатии мавҷударо надорад. Ҳаминтавр, раванди муҳоҷирати меҳнатӣ дар паст намудани шиддати бозори меҳнат ва нигоҳдории сатҳи иқтисодиёти ҷумҳурӣ мусоидат менамояд. Бинобар ин омӯзиши раванди муҳоҷирати меҳнатӣ ва роҳандозӣ намудани тадбирҳои

самарабахши он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти барзиёдии захираҳои меҳнатӣ ва истифодаи самараноки он аз муҳим будани омӯзиши ин масъала дарак медиҳад.

Ҳамин тариқ, муҳиммияти мушкилоти зикршуда, тафовути ҳудудӣ дар сатҳи зиндагонии аҳолӣ ва вазъи иқтисодии минтақаҳои ҷумҳурӣ, ноустувории бозори меҳнат, номуайянии омори муътамад яке аз сабабҳои асосии объекти таҳқиқот интихоб намудани муҳоҷирати меҳнатӣ дар шароити минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва интихоби мавзуи таҳқиқотии рисолаи илмӣ гардид.

**2. Дараҷаи омӯхта шудани мавзуи таҳқиқот ба** таҳқиқи асосҳои назариявии хусусиятҳои иқтисодӣ – географии муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар корҳои зиёди олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ба дуруст истифода кардани методҳои муқоиса, методҳои оморию иқтисодӣ, методҳои ҷадвалсозӣ ва графиксозӣ, таҳлили системавӣ, гурӯҳбандӣ, методи абстрактивию мантиқӣ, усули таҷрибавӣ ва ғ. асос ёфтааст.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки пажуҳиши мукаммали илмӣ оид ба хусусиятҳои иқтисодӣ-географии муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта, пешниҳод ва хулосаҳои дар рисола дарҷшуда, ба такмили танзими муҳоҷирати меҳнатӣ ҳамчун омили муайянкунандаи рушди иқтисодӣ, сатҳи зиндагонии аҳолӣ, вазъи бозори меҳнат дар минтақаҳои ҷумҳурӣ равона гардидаанд. Дар раванди таҳқиқот натиҷаҳои зерини назариявӣ ва амалӣ ба даст оварда шудааст, ки навгонии инлмии онро муайян мекунанд:

1. Дар асоси ақидаи олимони варзидаи соҳаи география ва иқтисодиёт назария, методологияи таҳқиқот ва хусусиятҳои иқтисодӣ-географии муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯхта шуда, вобаста ба шароитҳои иқтисодӣ-иҷтимоии минтақаҳои мамлакат таҳлилу баррасӣ гардидаанд.

2. Омилҳои иқтисодӣ-географӣ, сабаб ва намудҳои муҳоҷирати меҳнатӣ вобаста ба хусусиятҳои хоси онҳо ошкор карда шудаанд.

3. Ҷанбаҳои мусбат ва оқубатҳои манфии муҳоҷирати меҳнатӣ дар шароити минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи иқтисоди бозоргонӣ арзёбӣ шудаанд.

4. Проблемаҳои мавҷудаи муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил гардида, омилҳое, ки ба такмил ва омода кардани

кадрҳои соҳибтахассус ва дастгирии иҷтимоии аҳолӣ мусоидат мекунанд муайян карда шудаанд.

5. Хусусиятҳои иқтисодӣ-географии муҳоҷирати меҳнатӣ бо дарназардошти таъсири онҳо ба вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуда, тавсияҳо ҷиҳати дурнамо ва сиёсати муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудаанд.

**4. Сохтор ва мундариҷаи диссертатсия.**

Диссертатсияи илмии Ҳақназаров У.Н. аз феҳристи ихтисорот ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, 3 боб, 9 зербоб, хулоса тавсияҳо ва рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд.

Дар **муқаддима** мубрам будани мавзуи диссертатсия асоснок гардида, дараҷаи таҳқиқи он, мақсад ва вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ, навгонии илмӣ ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии диссертатсия муайян карда шудааст, ҳамзамон тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, саҳми шахсии довталаб ва сохтори диссертатсия пешбинӣ гардидааст.

**Боби якуми диссертатсия – «Тавсифи умумии мафҳуми муҳоҷират, назария ва методологияи он»** аз се зербоб иборат буда, дар доираи он вобаста ба масъалаҳои назариявӣ ва методологии муҳоҷирати аҳолӣ, истифодаи оқилонаи захираҳои меҳнатӣ ва таърихи муҳоҷирати аҳолии Ҷумҳури Тоҷикистон мавриди тадқиқоти илмӣ ва амалӣ қарор гирифтааст.

Дар боби мазкур масъалаҳои зерин мавриди омӯзиш қарор дода шудааст ва чунин хулосабарори намудаанд. Оқилона ҷойгир намудани қувваҳои корӣ, Таъмин намудани аҳолӣ бо ҷойҳои корӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, зеро самаранокии иқтисодӣ ҳамон вақт ба даст оварда мешавад. Вобаста ба ин, яке аз масъалаи баланд бардоштани самаранокии муҳоҷирати меҳнатӣ, ин коркарди комплексии соҳаҳои хоҷагии халқи ҷумҳурӣ мебошад.

Дар баробарӣ пешравиҳои соҳаҳои хоҷагии халқ бунёд намудани корхонаҳои гуногуни саноатӣ, истифодаи самараноки қувваҳои корӣ барои кам намудани ҳаҷми муҳоҷирати хориҷӣ мусоидат менамояд. Барои ҳамин бояд кӯшиш намоем, ки заводу фабрикаҳои меҳнатталаб сохта ба истифода дода шаванд.

**Боби дуюми диссертатсия – «Муҳоҷирати меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисодӣ бозоргонӣ»** аз се зербоб иборат аст. Дар боби мазкур сабаб ва омилҳои муҳоҷирати меҳнатӣ, ҷиҳатҳои мусбӣ ва манфии он ва проблемаҳои мавҷудаи муҳоҷирати меҳнатӣ дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон, инҷунин омода намудани кадрҳои баландихтисос ва дастгирии иҷтимоии аҳолӣ ва проблемаҳои самаранок истифодабарии онҳо дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор додааст.

**Боби сеюми диссертатсия – «Хусусиятҳои иқтисодӣ – географӣ ва дурнамои муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон»** аз се зербоб иборат аст. Дар боби мазкур хусусиятҳои иқтисодӣ – географии муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ, сиёсати муҳоҷирати меҳнатӣ ва дурнамои он дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

Таҳқиқоти гузаронидашуда дар кор ба диссертант имкон додааст, ки хулосаву пешниҳодҳои муайянро оиди хусусиятҳои иқтисодӣ – географии муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия намояд.

6. **Асоснокӣ ва боварибахш будани хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд.**

Диссертатсияи Ҳақназаров Умарали Нуралиевич дар мавзуи «Хусусиятҳои иқтисодӣ – географии муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси илмҳои география 6D060901 – Географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2022, таҳти № 196/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

Маврид ба тазаккур аст, ки диссертатсияи тақризшаванда дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи географияи иқтисодӣ ва иҷтимоии факултети географияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ омода гардидааст.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.**

Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷӯй 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 5 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия ба табъ расидаанд. Зикр намудан ба маврид аст, ки теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои амалии муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Автореферат ва корҳои илмие, ки дар мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ рӯйи чоп омадаанд, мазмуну моҳияти диссертатсияи илмиро ба таври зарурӣ инъикос менамоянд.

Дар баробари бартариҳои номбаршуда ба назари мо дар диссертатсияи илмии тақризшаванда баъзе камбудиҳо низ ҷой доранд.

1. Дар таҳқиқи кори диссертатсионӣ аз асарҳои олимони ватанӣ оид ба хусусиятҳои иқтисодӣ – географии муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон кам истифода шудааст.

2. Дар зербоби дуюми боби дуюм “Проблемаҳои мавҷудаи меҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” на ҳамаи проблемаҳои муҳоҷират мавриди даҳлил қарор гирифтаанд.

3. Дар зербоби 3-юми боби 3 оиди дурнамои муҳоҷирати меҳнатӣ минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумотҳои пурра ва дақиқ оварда нашудааст.

4. Ҳангоми таҳқиқи хусусиятҳои иқтисодӣ – географии муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои зоҳиршавии рақобатпазирии равандҳои муҳоҷирати меҳнатиро дар бозори дохилӣ ва беруна нокифоя нишон дода шудаанд.

5. Дар кор аз нишон додани нақши шарикии давлатӣ-хусусӣ дар баландбардории самаранокии хусусиятҳои иқтисодӣ – географии муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон қимати илмӣ ва амалии кори диссертатсионӣ боз ҳам баланд мешуд.

6. Дар диссертасия хатогиҳои имлоию техникӣ низ ба чашм мерасанд.

Вале ин камбудиҳои зикршуда аҳамияти илмӣ ва амалии диссертатсияро паст намекунанд.

Диссертатсияи Ҳақназаров Умарали Нуралиевич дар мавзуи «Хусусиятҳои иқтисодӣ – географии муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» кори илмии мустақилона ба анҷом расонидаи муаллиф аст, ки дастовардҳои баланди илмӣ ва амалиро соҳиб гаштааст. Кори диссертатсионӣ ба талаботи бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Диссертатсияи илмии Ҳақназаров Умарали Нуралиевич дар мавзуи «Хусусиятҳои иқтисодӣ – географии муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи муқарраркардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президендти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба диссертатсияҳои илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос бо пуррагӣ ҷавобгӯй аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060901 – Географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ (илмҳои география) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,**
**профессори кафедраи "Минтақашиносӣ ва сиёсатӣ хориҷӣ"-и Донишгоҳи словянии Русияву Тоҷикистон** **Улмасов Р.У.**

**Имзои Улмасовро Р.У. - ро тасдиқ менамоям:**
**Сардори раёсати кадрҳои ДСРТ** **Раҳимов А.**

**«10» 05 2023**

**Суроға: 734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе, х. М. Турсунзода, 30**
**Тел: (992) 37 221-35-50**
**E-mail: p.rektora@mail.ru**